# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии № ____**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 2.10.2021, суратҷаласаи № 91**

Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтака (дар мисоли ҷанубу шарқи Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат аз 12 июни соли 2021 (суратҷаласаи №100) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, н. Сино, маҳ. Буни Ҳисорак), ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, № 96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

**Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович** соли 1994 аввалан Техникуми саноати хуроквории шаҳри Исфара ва сипас соли 2008 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-ро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси “Маркетинг” хатм намудааст.

Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович аз соли 2007 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба кор шурӯъ намуда то ба имрӯз дар онҷо фаъолият намуда истодааст.

23 ноябри соли 2020 “Барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф,саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас,тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони “Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон” қадр карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Исайнов Ҳисайн Раҳимович-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаббатов Холназар муҳаббатович** - доктори илмҳои географӣ, профессори кафедраи туризм ва методикаи таълими географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

**Мусинов Абдуали Сайвалиевич** -номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;

**Муассисаи пешбар- Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири лабораторияи “Захираҳои обӣ ва равандҳои гидрофизикӣ”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кобули З.В. омода шудааст ва дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони Институти мазкур баррасӣ шуда, бо имзои доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мӯдири лабораторияи “Захираҳои обӣ ва равандҳои гидрофизикӣ”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кобули З.В., ходими калони илмии лабораторияи “Экология ва рушди устувор”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ Орифова Х, ходими пешбари илмии лабораторияи “Экология ва рушди устувор”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,номзади илмҳои биология Қориева Ф.А. (суратҷаласаи №2, аз 08.09.2021с.) ба имзо расида, аз ҷониби Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Амирзода О.Ҳ., аз санаи 10.09.2021 тасдиқ шуда, қайд намудааст, ки диссертатсияи Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович дар мавзӯи: «Такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои об дар минтақа (дар мисоли ҷанубу шарқи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёти идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои “Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст (тақриз замима мегардад).

## МУҲИМТАРИН ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**а) дар нашрияҳои ба феҳрасти маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилкардашуда:**

[1-М]. Захираҳои обӣ барои рушди устувор: ҷанбаҳои назариявӣ// Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. -Душанбе: «ТНУ», 2019. -2/19(193). - с.135 -140;

[2-М]. Тақсимоти оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши илмҳои иқтисодӣ.-Бохтар: ҶДММ "Матбаа",2019. -1/3(65).-С.301-305;

[3-М]. Идоракунии истифодабарии захираҳои обӣ –шарти муҳими рушди устувори хоҷагии қишлоқ"/Маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-амалии "Кишоварз" Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон ба номи Ш.Шохтемур. Бахш иқтисодиёт дар КАС.-Душанбе: "Фархунда М", 2019.-4/19(85).-С.195-198;

[4-М]. Мушкилоти истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити минтақаи ҷанубу шарки Тоҷикистон.//Пайёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.Бахши илмҳои иқтисодӣ.–Душанбе:ҶДММ "Ҳоҷи Ҳасан",2020.- 3/20(71).- С.214-223;

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:**

1. **Садриддинов Н.Т.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хисрав бо эродҳои зерин: 1) Дар таҳия кардани модели консептуалӣ ба муаллифи диссертатсия лозим меояд, ки модели мазкурро дар асоси кадом сарчашмаҳои илмӣ таҳия кардааст, тариқи сарчашма нишон диҳад. 2) Дар матни автореферат хатогиҳои имлои низ ба чашм мерасанд, ки онҳо ислоҳро тақозо менамоянд.
2. **Садридинов С–**доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, сарходими илмии институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо эродҳои зерин:1) Дар ҷадвали 2 нишондиҳандаи таъмини об дар минтақаи Кӯлоб аз маҷрои дарёҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Агар ҳамингуна таҳлил дар минтақаи Бохтар низ гузаронида мешуд, сифати корро боз ҳам баланд мебардошт. 2) Чи хеле ки аз автореферат бармеояд, муаллиф дар қисмати таҳлили мавзӯи худ аз усули илмии муосир ҷиҳати пешгӯӣ ва муайян намудани ММК бо таваҷҷӯҳ ба динамикаи сармоягузориҳо ба бахши обтаъминнамоӣ, аз моделсозии

эконометрикӣ (коррелятсионӣ ва авторегрессионӣ) ба таври васеъ истифода кардааст. Хуб мебуд, агар ҳангоми муайян намудани дурнамои рушди ММК ва динамикаи сармояғузориҳо ба бахши обтаъмикунӣ формулаи математикиеро, ки аз он истифода бурда шудааст,дар автореферат нишон медод; 3) Дар автореферат мавҷудияти баъзе камбудиҳои хусусияти имлоӣ ва техникидошта ба назар мерасанд.

3. **Абдуқодиров Х.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи "Назарияи иқтисоди"-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо эродҳои зерин: 1)Дар расми 1-и автореферат сохтори истифодабарии захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба консепсияи рушди босубот оварда шудааст, аммо ҳудуди он норавшан боқӣ мондааст; 2)Ҳамчунин дар автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд,ки беҳтар мебуд, онҳоро муҳаққиқ ислоҳ менамуд.

**4.Шаропов Ф.Р**.- доктори имҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва алоқаҳои байналхалқии Донишгоҳи даватии тиҷорати Тоҷикистон, бо эродҳои зерин: 1) Дар расмҳо аз нигоҳи техникӣ норасогиҳо мавҷуданд, ки таҳрирро металабанд; 2) Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳро тақозо менамоянд.

**5.Рузиев А.Т**. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шӯъбаи равобити хориҷӣ ва мобилияти академии Донишгоҳи давлатии Данғара, бо эродҳои зерин: 1) Дар фишурдаи рисолаи илмӣ, хусусан дар боби 1 ва 2 дар ҷадвалҳои нишондодашуда, сарчашмаҳо нодуруст оварда шудаанд ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда нашудаанд. Аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки сарчашмаҳои дар ҷадвалҳо овардашударо ба таври дуруст аз рӯйи тартиботи муқаррар намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад. 2) Шумораи зиёди истинодҳо, дар рисола ба забони русӣ оварда шудаанд. Ба унвонҷӯ тавсия дода мешавад, ки онҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума намояд.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбат арзёбӣ мешаванд ва дар онҳо қайд гардидааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии кисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳои муқарризон хусусияти пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ баанҷомрасонидашуда:**

- механизми такмилёфтаи истифодабарии захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба консепсияи рушди босубот, ки принсипҳои асосии ташаккули

механизми иқтисодии идораи обистифодабариро дар алоқамандӣ бо вазифаҳои идораи обистифодабарӣ дар худ инъикос менамояд, пешниҳод гардидааст. Муҳимтарин хусусияти фарққунандаи механизми мазкур дар он ифода меёбад, ки таъминоти илмӣ ва иттилотии мониторинги фаъолияти хоҷагии обро чун ҷузъи таркибии механизми истифодабарии захираҳои обӣ дар назар мегирад, ки он алоқаи баръаксро дар заминаи натиҷагирӣ, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти хочагиҳои об таъмин менамояд;

- принсипҳои асосии истифодаи оқилона ва идоракунии захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба афзалиятҳои асосии консепсияи рушди устувор дар заминаи тақвияти функсияи танзимкунандаи давлат ҷиҳати татбиқи механизми иқтисодии истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ таҳия шудааст, ки ба такмили низоми худмаблағгузории таҷдиди иншооти истифодаи об нигаронида шудаанд;

- бо назардошти таҳлили муқоисавии вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҷуғрофии минтақаҳои кишвар арзёбии ҳамаҷонибаи ҳолат ва тамоюлҳои истифодаи захираҳои об дар соҳаи кишоварзии минтақа анҷом дода шудааст, ки имкон дод мушкилоти эндогенӣ ва экзогении истифодаи оқилонаи об, ки ба принсипҳои рушди устувор мухолифанд, муайян карда шавад, ки дар ҳолатҳои зерин таҷассум ёфтаанд:

- ✓ сатҳи пасти дастгирии сармоягузорӣ барои таҷдид ва сохтмони иншооти нави обёрӣ;
- ✓ самаранокии нокифояи механизми истифодаи пулакии об дар соҳаи кишоварзӣ;
- ✓ фарҳанги истифодаи оқилонаи об ҳам дар байни аҳолӣ ва ҳам дар субъектҳои бахши кишоварзии минтақа ба қадри зарурӣ инкишоф наёфтааст;

- мафҳумҳои илмии дар доираи мавзуъ истифодашаванда, аз қабили “рушди босубот”, “принсипҳои рушди босубот”, “истифодабарии босуботи захираҳои обӣ” таҷдиди назар шудаанд;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанад ҷанбаҳои назариявии татбиқи принсипҳои асосии консепсия рушди устуворро дар соҳаи истифодабарии захираҳои обӣ пурратар намуда алоқамандии омилҳои иқтисодӣ ва фарҳангии обистифодабариро дар сутӯҳи мухталифи идоракунӣ ба таври возеҳ нишон диҳанд.

- ҷанбаҳои назариявии консепсияи рушди босубот чун равиши системавии истифодаи устувори тамоми захираҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла об асоснок карда шудааст, ки татбиқи он дар раванди истифодаи

оқилонаи захираҳои обии минтақа метавонад ба самаранокии истифодабарии дигар захираҳои табии таъсири мусбӣ дошта бошад;

- алгоритми мониторинги истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об дар соҳаҳои хоҷагии халк пешниҳод карда шуд, ки нишондиҳандаҳои мақсадноки он ба ташхиси сифати обҳои ба мақсадҳои гуногун масрфшаванда (истеъмол, истеҳсолот), ташхиси сифати тақсимоти об (таъминоти аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, иншоотҳо) нигаронида шудаанд ва таъсири об ба саломатии аҳолӣ, сифати партовҳо, каналҳои тақсимоти об дар соҳаи кишоварзӣ ва амсоли онро низ фаро мегирад;

- низоми мониторинг ва баҳогузории ҳолати истифодабарии об аз нигоҳи иқтисодиву экологӣ пешниҳод гардидааст, ки ба фарк аз низомҳои мавҷуд ба унвони меъёри баҳогузорӣ талабот ва мазмуну мӯҳтавои ҳуҷҷатҳои стратегии рушду инкишофи кишварро барои давраи дарозмудат чун ҳуҷҷатҳои такягоҳӣ ба назар мегирад, ки имкон медиҳад захираҳои обӣ чун омили муҳими ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисоди миллӣ аҳамияти худро дар ҷараёни мониторинг ҳифз намоянд. Низоми мазкур баҳогузорӣ ба сифати оби таъиноташ мухталиф (истеъмолӣ, истеҳсолӣ), сифати объектҳои обтақсимкунӣ, (таъминоти аҳолӣ ва бахшҳои иқтсиодиёт), таъсири манфии об ба саломатии аҳолӣ, сифати заҳбуру заҳкашҳо, каналҳои тақсимоти об дар кишоварзиро ба унвони нишондиҳандаҳои ҳадаф қабул менамояд;

- сабабҳо ва паёмадҳои истифодаи ғайриоқилонаи об дар бахши кишварзии минтақа мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар асоси он ҳолати муосири обистифодабарӣ дар бахши кишоварзӣ, омилҳои дохилӣ ва берунии муассир ба самаранокии истифодаи оқилонаи захираҳои об дастабандӣ шудаанд, ки ҷиҳати коркарди стратегияи бартараф намудани паёмадҳои манфии истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ замина фароҳам меоварад;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:**

- модели иқтисодиву риёзии зарибсанҷии омилҳои муҳим дар рушди устувори бахши обистифодабарӣ кор карда баромада шудааст, ки аз тариқи муқоиса ва арзёбии омилҳои иқтисодиву фарҳангии обистифодабарӣ, вобастагии мутақобилаи омилҳои такмили механизми истифодабарии устувори захираҳои обиро бо таваҷҷӯҳ ба афзалияти инкишофи сатҳи касбияти мудирони хоҷагиҳои кишоварзӣ ва такмили механизми самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ростои суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати насбу таҷдиди пойгоҳҳои обтаъминкунӣ ва обтазакунӣ муайян менамояд;

- ояндабинии афзоиши Маҷмуи маҳсулоти кишоварзии кишвар бо таваҷҷӯҳ ба тадбиқи принсипҳои рушди устувор дар самти обистифодабрии бахши кишоварзӣ муҳосиба шудааст, ки самаранокии чорабиниҳои пешниҳодшавандаро дар давраи дарозмуддат собит менамояд;

- аҳамияти омилҳои инфиродӣ дар асоси пешниҳод ва асоснок кардани шаш гурӯҳи фарзияҳо муҳосиба шудааст, ки ҳамбастагии муназзами омилҳои иқтисодӣ ва фарҳангиро дар раванди истифодаи захираҳои обӣ бо таваҷҷӯҳ ба афзалияти такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҷараёнҳои сармоягузорӣ ҷиҳати таҷдиди иншооти обёрӣ ва рушди устувори бахши обтаъминкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона шудааст, инъикос менамояд;

- самтҳои такмили механизми танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои об дар соҳаи кишоварзии минтақа дар асоси такмил додани механизми истифодаи пулакии захираҳои об ва баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузории ҳоҷагии об пешниҳод шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки**

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро озмоишҳо, маълумотҳои боварибахш, хаҷми кифояи маводи таҳқиқ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи чопшуда тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд. Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти назариявию методологии таъмини рушди босуботи истифодабарии захираҳои обӣ иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳоро ҳангоми таҳияи асосноккунии илмӣ ва ҳалли масъалаҳои амалии рушди босуботи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ба назар гирифтан мумкин аст;

- ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои обӣ **асоснок карда шудааст.**

Муқаррароти асосие, ки дар диссертатсияи мазкур дарҷ карда шудааст, дар конференсияи илмию амалӣ Ҷумҳуриявӣ, зери унвонии: «Заминаҳо ва дурнамои амалигардонии стратегияи миллии саноатикунонии босуръати кишвар» Кӯлоб.ДТ ва МИ (28-29 июли соли 2019),конференсияи илмию амалии вилоятӣ, зери унвонии

«Саноатикунонии босуръат: таърих ва замони муосир». ДДХ, Хуҷанд, (1 ноябри соли 2019), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: "Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт", Душанбе, ДМТ (27 феврали соли 2020), конференсияи байналмилалии илми-амалӣ дар мавзӯи: "Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: Таҷрибаи хориҷи ва миллӣ" Душанбе, ДМТ (13 октябри2020), муҳокима ва баррасӣ карда шудаанд.

**Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст:** аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ санади татбиқӣ аз 28 апрели соли 2021 таҳти № 158,; аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" санади татбиқнамоӣ 2 августи соли 2021 таҳти № 462/8 аз пешниҳод шудаанд.

Мафҳумҳои назариявӣ ва муқарраротии рисоларо метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои "Иқтисодиёти истифодаи табиат", "Иқтисодиёти КАС" мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Рушди босубот», ва ғ. **истифода бурд.**

Натиҷаҳои таҳқиқот тайи солҳои 2016 - 2021 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ **муаррифӣ гардидаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

-таҳия ва коркарди тавсияҳо барои асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалии истифодабарии захираҳои обӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои консепсия рушди босубот, ташаккул, такмил ва рушди механизми истифодабарии захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои назариявӣ, амалӣ ва оморӣ, ки барои тадқиқоти диссертатсионӣ заруранд;

- интишори маводи илмӣ дар мавзӯи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла 20 мақолаи илмӣ, ки 4-тои он дар нашриёҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба чоп расидаанд;

- тасдиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию амалӣ ва семинарҳои сатҳҳои гуноғун.

Дар ҷаласа аз 2 октябри соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Маҳмудов Баҳриддин Нуриддиновичро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти истифодаи табиат, қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ, аз **21** нафар аъзои умумии Шӯрои диссертатсионӣ **18** нафар иштирок доштанд, аз ҷумла **11** нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, аз **21** нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ **18** нафар овоз доданд: тарафдор - **18** нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетентҳои беэътибор нест.

**И.в.Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Улуғхоҷаева Х.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**